**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишкадаи омӯзгори Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент,
Профессор Ансорӣ Муаззамхон Қудрат
______________________
«12» сентябри соли 2023.

# ХУЛОСАИ

кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгори Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи **«Ҳабиб Ахрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар кафедраи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгори Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ба анҷом расидааст.

Мавсуф соли 2013 факултети филологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёт ва соли 2019 шуъбаи магистратураи ҳамин муассисаро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз соли 2019 то ҳол омӯзгори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент мебошад.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илми филология, профессор Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Исмоилова Дилором дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент аз 24.08.2018, суратмаҷлиси № 2 тасдиқ гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) (06.05.2021) ва таъриху фалсафаи илм (01.06.2022) бо баҳои «хуб» супоридааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Дар раванди ташаккул ва таҳаввули тарҷумаи бадеӣ нақши чеҳраҳои адабӣ бузург буда, маҳз ба василаи хидматҳо ва маҳсули қалами онҳо тарҷума ҳамчун ҷузъи муҳимми адабу фарҳанг ҷойгоҳи шоиста касб кардааст. Ҳабиб Аҳрорӣ дар ҷараёни ин воқеияти таърихиву фарҳангӣ яке аз ғановатбахшандагон ва ташаккулдиҳандагони тарҷумаи бадеӣ шинохта шудааст. Аз ин ҷост, ки фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ дар заминаи воқеияти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии замони шуравӣ шакл гирифта, ба туфайли заҳматҳои ӯ ва ҳамқаламону ҳамсафонаш намунаҳое аз адабиёти ҷаҳон ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, усулҳо ва равишҳои тозаи тарҷума ба вуҷуд омада, ташаккулу таҳаввул ёфтааст.

Аҳаммияти таҳқиқи диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал он дар фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ ба ришта кашида мешавад. Ҳабиб Аҳрорӣ аз гурӯҳи мутарҷимонест, ки то имрӯз фаъолияти тарҷумонӣ, андешаҳояш доир ба таърих ва назарияи тарҷума, маҳорати нависандагӣ ва саҳмаш дар луғатшиносӣ таҳқиқ ва баррасӣ нашудааст.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии** 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ нишон дода шудаанд, **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва интишороти довталаб ба мавзуи таҳқиқӣ бевосита алоқаманданд.

**Мавзуи диссертатсия** ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ, ки дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 қайд шудааст, **мутобиқат дорад.** Ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик, таърихи тарҷума, адабиёти ҷаҳон, адабиёти халқҳои ИДМ, робиташиносӣ ва тарҷумашиносии умумӣ метавон такя кард.

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосӣ аз таълифи диссертатсия таҳқиқ ва арзёбии мушаххаси аҳволу осор ва нақшу ҷойгоҳи Ҳабиб Аҳрорӣ дар таърихи адабиёт ва ҷараёни инкишофи мактаби тарҷумаи бадеии тоҷикӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Бо дарназардошти он ки мавзуи баҳс бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқи ҷомеъ қарор мегирад, ҳаллу фасли вазифаҳои зайл дар мадди назар буд:

– аҳволу осор ва равиши фаъолиятҳои эҷодии Ҳабиб Аҳрориро дар алоқамандӣ бо воқеияти ҳаёти иҷтимоӣ, бахусус, вазъи адабӣ таҳқиқ карда, омилҳои асосии ташаккули шахсияти инсонӣ ва ҳунарии ӯро муайян ва мушаххас намудан;
– таҳқиқ ва арзёбии тамоюлҳои ҳунарии адиб дар эҷоди насри бадеӣ ва интихоби осори тарҷумавӣ;
– шинохти нақши Ҳабиб Аҳрорӣ дар рушди насри бадеӣ;
– муайян намудани моҳияти андешаҳои назарии Ҳабиб Аҳрорӣ дар боби тарҷумаи бадеӣ;
– муайян намудани махсусиятҳои ҳунари тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ дар тарҷумаи осори бадеии адабиёти рус ва ҷаҳон;
– таҳқиқу арзёбии маҳорати тарҷумони ӯ;
– масъалаи ҳифзи амонат дар тарҷума ва мавқеи ҳунарии Ҳабиб Аҳрорӣ дар ин замина;
– баррасии масъалаҳои интихоби осори тарҷумавӣ, ҳамбастагии мутарҷим бо матни мавриди тарҷума ва тавонмандии адабии ӯ дар тарҷума;
– мушаххас намудани хусусиятҳо ва тамоюлҳои ҳунарии эҷодиёти мутарҷим.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** осори бадеӣ, таҳқиқӣ ва тарҷумавии Ҳабиб Аҳрорӣ, манобеи илмиву адабӣ, ҳамчунин, маводи дар матбуоти даврӣ доир ба аҳволу осори мутарҷим ва осори тарҷумавии чопшуда мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили В.Н. Комисаров, В.М. Россел, Л.С. Бархударова, М.П. Алексеев, Г.Р. Гачечиладзе, И.А. Кашкин, М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, Ҳ. Шодиқулов ва дигарон ташкил додаанд.

**Навоварии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки дар диссертатсия бори нахуст аҳволу осор, фаъолиятҳои адабӣ, аз ҷумла нависандагӣ, луғатшиносӣ ва

тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ, нақши ӯ дар пешрафти мактаби тарҷумаи бадеии тоҷикӣ таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, ҷойгоҳи ӯ дар раванди инкишофи насри бадеӣ ва тарҷумаи бадеӣ мушаххас гардидааст.

Диссертатсияи номзадии Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар асоснокии илмӣ ва дарки саҳеҳи хусусиятҳои тафаккури бадеӣ, дар фардияти эҷодӣ ва фаъолияти нависандагию тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ зоҳир мешаванд. Таҳқиқи анҷомгирифта донишҳои назарӣ ва амалиро дар боби тарҷумаи бадеӣ, таърих ва назарияву амалияи он, фардияти ҳунарии Ҳабиб Аҳрорӣ такмил мебахшад.

Ҳамчунин, мавод ва натиҷаҳои пажуҳишро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти тоҷик, таърихи нақди адабӣ, адабиётшиносӣ ва навиштану мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, таърихи тарҷума ва суханрониҳо дар мактаби миёнаву олӣ истифода кард.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар 6 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Исмоилова, Д.Ҳ. Ҳабиб Аҳрорӣ – муҳаққиқи назария ва таърихи тарҷума / Д.Ҳ. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №2 (97). – С. 222-225.

[2-М]. Исмоилова, Д.Ҳ. Равиши интихоб ва тарҷумаи осори бадеӣ (Дар мисоли фаъолияти эҷодии Ҳабиб Аҳрорӣ) / Д.Ҳ. Исмоилова // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №3. – С. 139-147.

[3-М]. Исмоилова, Д.Ҳ. Муруре ба зиндагиномаи Ҳабиб Аҳрорӣ / Д.Ҳ. Исмоилова // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2023. – №1 (74). – С. 142-147.

**II. Дар маҷмуа ва нашриҳои илмии дигар:**

[4-М]. Исмоилова, Д.Ҳ. Ҳунари тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ (дар мисоли тарҷумаи «Моҷарои Иван Иванович ва Иван Никифорович»-и Н.В. Гогол) / Д.Ҳ. Исмоилова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалии

донишҷӯён, магистрантон ва омӯзгорон дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент дар мавзуи «Инсон. Табиат. Илм». – Панҷакент, 2019. – С. 166-171.
[5-М]. Исмоилова, Д.Ҳ. Сабақҳои ибратбахш ва ҳунари нависанда / Д.Ҳ. Исмоилова // Анвори илм. – Панҷакент, 2022. – №3. – С. 235-241.
[6-М]. Исмоилова, Д.Ҳ. Баъзе масъалаҳои назарияи тарҷумаи бадеӣ аз нигоҳи Ҳабиб Аҳрорӣ / Д.Ҳ. Исмоилова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику ӯзбек: гузашта, ҳозира ва оянда», дар иртибот ба ифтихори 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 145-солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷику ӯзбек Садриддин Айнӣ, эҳёи нави густариши робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон (27-28.04.2023). – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – С. 213-215.

Арзишҳои ҳунариву адабӣ, зебоишиносӣ ва дигар вижагиҳои эҷодии Ҳабиб Аҳрорӣ барои рушди адабиётшиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик мусоидат менамоянд. **Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла таърихи адабиёти ҷаҳон, таърихи тарҷума, назария ва амалияи тарҷума, луғатнигорӣ **татбиқ намудан мумкин аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми шахсии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ҳабиб Аҳрорӣ ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми ӯ дар адабиёти давраи нави тоҷик мушаххас мешавад.

Кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгори Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевнаро дар мавзуи **«Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ

ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи забон ва адабиёти тоҷикии Донишкадаи омӯзгори Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 2 аз 02.09.2023.

**Раиси маҷлис:**
**мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик,**
**номзади илми филология, дотсент:** **Ғаффоров М.Ҷ.**

**Котиби маҷлис:**
**номзади илми филология:** **Шарифова Г.Ҳ.**

**Имзои М. Ғаффоров ва Г. Шарифоваро тасдиқ менамоям:**
**сардори шуъбаи кадрҳои**
**ДОТ дар шаҳри Панҷакент:** **Қурбонов М.**

**Нишонӣ: 735500, ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ, 108.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.**
**Тел.: (834 75) 5-40-20; 5-40-53**
**E-mail: tou@bk.ru**